**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01- Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ пешниҳод шудааст**

Мазмун ва моҳияти диссертатсияи Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид гувоҳи он аст, ки рисолаи илмӣ ба пуррагӣ анҷомёфта буда, аз ҷониби унвонҷӯ ҳаматарафа таҳқиқ гардидааст ва ба яке аз мавзӯъҳои муҳим – ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон бахшида шудааст.

Ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон чун унсури марказии муносибатҳои ҷамъиятӣ пайваста мавриди баррасӣ ва танзим қарор дошта, бо ташаккул ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рӯи кор омадани манфиатҳои гуногун ҳимоя намудани ҳуқуқҳои барандагони (субъектони) махсуси ҳуқуқ бештар ба мушоҳида мерасад.

Бояд тазаккур дод, ки кӯдак чун барандаи махсуси ҳуқуқӣ пайваста ва дар ҳама ҳолат мавриди ҳимоя қарор дошт, вале имрӯз зарурати бештар барои баррасии ҳаматарафаи масъалаҳои вобаста ба эътирофи ҳуқуқи кудак ба миён омадааст.

Зеро, раванди ҷаҳонишавӣ, сар задани мухолифатҳои байнидавлатӣ, низоъҳои ҳарбӣ дар манотиқи гуногуни ҷаҳон, тағйир ёфтани урфу одатҳои маҳаллӣ ва бегона гардидани фарҳанги таърихӣ, ворид гардидани амалҳои ғайриахлоқӣ ба тафаккури мардум ва ғайра

таъсири худро ба ҳаёти муқаррарии инсонҳо расонида, боис ба он мегарданд то таваҷҷуҳи махсус ба баррасии масоили вобаста ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои табақаҳои ба ҳимоя эҳтиёҷманд, алалхусус кӯдакон дода шавад.

Вале, ин масъала вақте роҳи ҳалли амиқи худро пайдо менамояд, агар мо ба марҳилаҳои гуногуни таърихии эҳтиром ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон диққати худро равона намоем. Бо дарназардошти гуфтаҳои фавқуззикр интихоби мавзӯи мазкур аз ҷониби пажӯҳишгар саривақтӣ ва муҳим маҳсуб меёбад.

Диссертатсияи Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид, ки «Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон» ном гирифтааст, мавзӯи мубрам ба ҳисоб рафта, он заминаи тадқиқи ҳамаҷонибаи ташаккул ва эътирофи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон, ки то имрӯз дар Тоҷикистон мавриди коркард қарор нагирифта буданд, фароҳам меорад.

Ҳамаи нуқтаҳои илмӣ ва навгониҳои ба ҳимоя пешкашнамудаи Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид муҳим, воқеӣ ва саривақтӣ буда, аҳамияти назариявӣ ва амалиро доро мебошанд. Даврабандии ташаккули эътирофи ҳуқуқҳои кӯдакон ба давраҳои зардуштия, исломӣ, шоҳаншоҳӣ, шӯравӣ ва замони Истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби муаллиф навгоние дар илми ҳуқуқи инсон маҳсуб меёбад.

Дар маҷмӯъ гуфтан мумкин аст, ки нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дигар натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аҳамияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонанд дар таҷрибаи кории мақомоти давлатӣ истифода шаванд ва дар такмили қонунгузори дар бахши ҳимояи манфиатҳои кӯдакон мусоидат кунад.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбат дар автореферати диссертатсия баъзе норасоиҳо дида мешаванд. Аз ҷумла муаллиф дар пешниҳоди ҳаштуми худ қайд менамояд, ки кӯдак гуфта шахсе эътироф мешавад, ки ба синни муқараркардаи қонунгузории миллӣ нарасидааст, ҳоло он ки

мафҳуми умуми эътироф гаштаи кӯдак дар Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак мавҷуд аст.

Инчунин, қайд менамояд, ки давраи амали ҳуқуқи мусулмонӣ марҳилаи муҳимми инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ мебошад. (саҳ. 18). Аммо муаллиф ақидаи шахсии худро оиди муҳимияти давраи мазкур оид ба эътирофи ҳуқуқҳои кдакон баён накардааст. Вобаста ба масъалаи мазкур мехостам диссертант нуқтаи назари хешро ҳангоми ҳимояи рисола пешниҳод намояд.

Бо назадошти ибрози нуктаҳои зикргардида наметавон гуфт, ки диссертатсия дар сатҳи нокифоя омода шудааст. Норасоии мазкур ба мазмуни таҳқиқоти илмии анҷомдодаи муаллиф таъсири манфӣ намерасонад.

Рисолаи илмии пешниҳоднамудаи Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид бо замони илмии тоҷикӣ навишта шуда, хеле равон ва оммафаҳм аст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи омоданамудаи Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, ҷавобгӯи ҳамаи талаботҳо буда, ҳамчун тадқиқоти баанҷомрасида ва нави илмӣ ва илми ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад. Он мазмуни баланди назариявӣ ва амалӣ дошта, минбаъд аз ҷониби олимону муҳаққиқони ҷавон ва кормандони мақомоти давлатӣ дар таҷриба ба таври васеъ истифода хоҳад шуд.

Аз рӯи мазмуни баланди назариявӣ ва амалӣ, мубрамият ва нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда диссертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он

Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон**
**дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ.**
**дотсент** **У. Бобозода**

Ҷумҳурии Тоҷикистон
Ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар 10,
Тел.: (+992 37) 2217989

**Имзоро тасдиқ мекунам,**
**Сармутахассиси шуъбаи кадрҳои**
**Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон**
**дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш. Раҳматова**